## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ)**

Дар замони Истиқлоли давлатӣ дар натиҷаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф дар низоми маорифи кишвар дар тамоми зинаҳои таҳсилот аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олии касбӣ тағйиротҳои муҳим ба амал омаданд.

Бояд қайд намуд, ки дар таърихнигории муосири ватанӣ масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистон дар замони Истиқлол ба тарзи бояду шояд мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Вобаста ба ин, аҳаммияти мавзуи мавриди таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф шаклҳои нави муассисаҳои таълимӣ ба вуҷуд омада, низоми таълими салоҳиятнокӣ ва низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монда шуд, ки ин равандҳо мазмуну мундариҷаи таълимро тағйир доданд ва ин мубрамияти таҳқиқи мавзуи мазкурро тақвият медиҳад.

Аз шиносоӣ ба автореферати рисолаи диссертатсионии Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» маълум мегардад, ки он аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда (347 номгӯй) иборат аст. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 370 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқ аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ асоснок кардашуда, сатҳи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект ва заминаҳои методологӣ, меъёрӣ, навгонии илмӣ, арзиши амалии диссертатсия, ҳамзамон саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ба масъалаҳои таҳлили таърихнигории ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои истиқлолият бахшида шудааст. Дар

зербоби якуми он «Инъикоси таърихии ислоҳоти соҳаи маориф дар адабиёти илмӣ» асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар ин самт таҳқиқот анҷом додаанд, таҳлил гардидаанд. Ҳамзамон, дар зербоби дуюми боби аввали диссертатсия масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф ва рушди он дар суханрониҳо, асарҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, саҳми арзандаи Сарвари давлат баҳри рушди соҳаи маориф мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар шароити нави иктисодию иҷтимоӣ» номгузорӣ гардида, дар зербоби якуми он хусусиятҳои хоси муассисаҳои томактабии давлатӣ дар замони Истиқлол баррасӣ гардидааст. Дар зербоби дуюми боби дуюм бошад, масъалаҳои ташаккул ва рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Ҳамин тавр, дар бобҳои минбаъдаи рисолаи докторӣ масъалаҳои гузариш ба низоми нав дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф ва низоми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия андешаҳои ҷамъбастӣ нисбати мавзуъ қайд гардида, пешниҳодҳои муаллиф ба асосноккунии маводи назариявӣ асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар таҳлилу баррасии мавзуи диссертатсия аз сарчашма ва адабиёти гуногуни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва маводи интернетӣ истифода гардидааст.

Тавре аз муҳтавои автореферат бармеояд, сохтори рисолаи диссертатсионӣ комил ва илмӣ буда, муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф дар замони истиқлол, ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар маҷмуъ рисолаи докторӣ барои муҳаққиқони риштаи таърихнигорӣ, таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар як сарчашмаи

муътамади илмӣ ба ҳисоб рафта, дар он ислоҳоти соҳаи маориф дар тамоми зинаҳои муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2021) таҳқиқ ва ҷамъбаст карда шудааст.

Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидаи Каримзода М. Б. мазмуни пурраи кори илмияшро инъикос менамоянд.

Дар баробари бартариҳо дар автореферати рисола, баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021» ҳамчун кори таҳқиқотии мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ буда, муаллифи рисолаи диссертатсионии докторӣ Каримзода Мусо Бобишо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Набизода В.М.

Имзои профессор В. Набизодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

«07» 04 соли 2026